Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 70 (4653) | ҶУМЪА, 26 МАЙИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАЛАСАИ ВАСЕИ ШӮРОИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁИ ИТТИҲОДИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

**25 - уми майи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи васеи Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиёи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ба ҳайси Роҳбари давлати даъватшуда дар шакли маҷозӣ иштирок ва суханронӣ карданд.**

Ҷаласаи Шӯро дар шаҳри Москва таҳти раёсати Президенти Федератсияи Россия, Раиси Шӯрои олии иқтисодии АвруОсиёи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Владимир Путин сурат гирифт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон изҳор доштанд, ки кишварҳои аъзо ва нозирони Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё шарикони анъанавии Тоҷикистон ҳисоб меёбанд ва кишвари мо дар асоси дуҷониба бо аксари онҳо робитаҳои зичи тиҷоративу иқтисодӣ дорад.

Ҳаҷми умумии гардиши мол миёни Тоҷикистон ва кишварҳои номбурда ҳамасола тамоюли афзоиши босуботро касб кардааст. Ҳамин аст, ки ҳиссаи кишварҳои аъзо дар тиҷорати хориҷии кишвари мо дар соли 2022 зиёда аз 42 фоизро ташкил карда, қариб панҷоҳ фоизи содироти молҳои истеҳсоли маҳаллӣ ба онҳо рост меояд.

Бо таъкиди алоқамандии ҷониби Тоҷикистон ба рушду тавсеаи минбаъдаи робитаҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшҳои гуногуни саноат, соҳаҳои нақлиёт, кишоварзӣ ва гидроэнергетикаро ба ҳайси яке аз манбаъҳои асосии тавлиди «энергияи «сабз» ва заминаи калидии рушди «иқтисоди сабз», ҳамчун самтҳои барои ҷонибҳо манфиатовари ҳамкорӣ номбар карданд.

Дар фарҷом Пешвои миллат чунин таъкид карданд: «Ҳамкорӣ дар асоси манфиатҳои умумӣ авлавияти амалҳои мо дар сатҳи минтақавӣ муайян гардидааст ва Тоҷикистон онро минбаъд ҳам рӯйи кор хоҳад гирифт».

**www.president.tj**

## ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ДОНИШҶӮЁН

**25-уми майи соли равон устодону донишҷӯёни факултети идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе бо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрданд.**
**Устодону донишҷӯён, ки беш аз панҷоҳ нафар буданд, аз осорхона ва китобхонаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки далелҳои ҷолиб аз таърихи парлумони кишвар ва китобҳои арзишманди соҳавиро фаро мегиранд, боздид карданд.**







Сипас, дар толори маҷлисгоҳи парлумон вакилон, аз ҷумла раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Муртазозода, бо донишҷӯён суҳбат намуданд.

Насиба Содиқӣ ба донишҷӯён таърихи таъсиси парлумони кишвар, тарзи интихоби вакилон, тартиби фаъолияти Маҷлиси намояндагон, Шӯрои Маҷлиси намояндагон ва кумитаву комиссияҳои онро шарҳу тавзеҳ дод.

- Парлумони кишвар фаъолияташро дар асоси принсипҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, волоияти қонун, арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он, гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ, дастаҷамъӣ ва масъулият дар назди халқу Ватан амалӣ менамояд, - иброз дошт Насиба Содиқӣ.

Сумангул Тағойзода нақши занонро дар парлумон ва соҳаҳои дигар бозгӯйӣ намуда, донишҷӯёнро ба хондан ва дӯст доштани Ватан даъват намуд.

- Ҷавонон ва ҳаллу фасли мушкилоти онҳо дар меҳвари сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои донишомӯзии онҳо иқдомоти зиёдро роҳандозӣ намудаанд. Ҷавононро мебояд масъулиятшинос бошанд ва имкониятҳои мавҷударо самаранок истифода баранд, - афзуд Сумангул Тағойзода.

Тартиби овоздиҳӣ, муҳокимаҳои парламентӣ, қабули қарорҳо, робитаҳои байналмилалӣ ва байнипарлумонӣ, тартиби гузаронидани иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагон аз мавзӯъҳое буданд, ки вакилон ба донишҷӯён маълумот доданд.

Директори иҷроияи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Рустам Ғаниев чунин вохӯриҳоро дар баланд гардидани маърифати ҳуқуқиву сиёсии донишҷӯён муҳим арзёбӣ кард.

Роҳбарияти Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе тасмим гирифтаанд, ки минбаъд низ чунин вохӯриҳои судмандро созмон диҳанд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## РИОЯИ ҚОНУН МАДАНИЯТ АСТ

**Риояи қонун нишонаи маданияти баланд ба ҳисоб рафта, он ҳама вақт барои инсон талаботи асосиест, ки ҷомеа аз ӯ тақозо менамояд. Аз ҷумла, мо низ бояд дар доираи қонунҳое, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд, зиндагӣ ва фаъолият намоем. Чунин шароитро бароямон истиқлолият фароҳам овард.**



**Нуриддин РАСУЛЗОДА,**
**раиси Суди вилояти Хатлон**

Истиқлолият барои ҳар як сокини давлати мо, пеш аз ҳама, имкони зиндагии озодона ва соҳибихтиёрии миллиро муҳайё сохт. Мо бояд ифтихор намоем, ки дар қатори садҳо давлати дунё дар харитаи олам чун мамлакати озоду соҳибихтиёр ҷой гирифтаем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ кори басо душвору заҳматталаб мебошад, вале ҳимояи пирӯзиҳо ва дастовардҳои он боз ҳам душвортар аст.

Инро мо дар мисоли таърихи навтарини худ дидем. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар қатори дигар ҷумҳуриҳои шомили ин давлати абарқудрат, Тоҷикистон низ истиқлолияти давлатӣ ба даст овард. Вале ҷанги шаҳрвандие, ки душманони дохиливу хориҷӣ ба хотири аз байн бурдани ин истиқлолият таҳмил намуданд, ба пора-пора шудани Тоҷикистон ва нестии миллат таҳдид намуд. Сабаби ин буҳрон, пеш аз ҳама, дар он буд, ки дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар идораи давлат ва сарҷамъ намудани мардум иштибоҳи зиёд содир шуданд.

Дар ҳама давру замон дар идораи давлату рушди ҷомеа роҳбарони оқилу доно ва бомаҳорате заруранд, ки ҷомеаро аз пасашон бурда, дар заминаи ҳофизаи таърихӣ давлатдориро таҳким бахшанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз зумраи он шахсиятҳоеанд, ки ин рисолатро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро карда истодаанд.

Дар солҳои баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ мардуми мо аз асоситарин маҳсулоти озуқаворӣ - нон сахт танқисӣ мекашиданд. Имрӯз он ба афсона табдил ёфтааст.

Даврае буд, ки яроқбадастон чӣ коре мехостанд, мекарданд. Онҳо на аз қонун ва на аз муҳофизони қонун ҳарос надоштанд. Хушбахтона, баробари таҳкими давлатдорӣ зина ба зина ин вазъият ислоҳ гардид. Чун дар тамоми ҷомеаи пешрафта, дар Тоҷикистон зиндагию фаъолияти мо дар асоси қонунҳои ҷорӣ сурат мегирад. Ба ҳама маълум аст, ки дар паноҳи қонун, бо риояи қонун зиндагӣ ва фаъолият намудан ҳаёти ҳар сокини ҷомеаро осон менамояд. Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин имконро барои ҳар шаҳрванди мамлакат фароҳам овард.

Як рукни муҳими дар асоси талаботи олами муосир ва тибқи муқаррароти демократия ба сар бурдани мо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили он ба шумор меравад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, се маротиба - солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба он тағйироту иловаҳо ворид шуданд.

Миллати мо қадимӣ ва тамаддунофар мебошад. Дар Тоҷикистон як нишонаи истиқлолияти мо - Парчами давлатист, ки агар ба таърих назар афканем, он аз Дирафши ковиёнӣ ибтидо мегирад. Эҳтироми Парчами давлатӣ - гиромӣ доштани таърихи мамлакат ва дӯст доштани ин хоки муқаддас аст.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 зикр шудааст, ки солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихӣ қарор дорад. Бо вуҷуди ин, бо шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ шуданд. Барои мисол, дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Бунёди роҳҳои нав, афзудани интиқоли молу маҳсулот, барҳам хӯрдани маҳдудияти барқ, ба кор оғоз намудани ду агрегати НБО-и «Роғун», ҳалли масъалаҳои дар тӯли зиёда аз ду даҳсола бавуҷудомадаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, таҳияи силсилачорабиниҳои ободкорӣ дар тамоми шаҳру деҳоти мамлакат ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ тадбирҳое ба шумор мераванд, ки маҳз ба хотири таъмини зиндагии шоистаи мардум амалӣ гардиданд. Дар ин замина имкон фароҳам шуд, ки нишондиҳандаи миёнаи дарозумрии аҳолӣ ба 75 сол расида, шумораи аҳолӣ дар мамлакат аз 5,4 миллион нафари соли 1990 ба 10 миллион нафар расад.

Яке аз масъалаи муҳиме, ки дар ҷомеаи мо амалӣ мегардад, ин пайваста таҳкиму такмил ёфтани фаъолияти мақомоти судист. Мутобиқи моддаҳои 5 ва 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, ҳуқуқ озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Мувофиқи моддаи 17-уми Конститутсия, ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Дараҷаи гуноҳ ва ҷинояти шахси судшавандаро суд муайян менамояд. Ин як раванди хеле мушкилу масъулиятнок аст.

Судяҳо вазифадоранд принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳоро риоя ва роҳбарии мурофиаро амалӣ намуда, мустақилият, беғаразӣ, холисии худ ва мувозинати байни тарафҳоро нигоҳ дошта, ба иштирокчиёни парванда ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро фаҳмонанд. Илова бар ин, дар амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳояшон мусоидат намуда, оид ба оқибатҳои содир кардан ё накардани амалҳои мурофиавӣ огоҳ созанд, барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи далелҳо, муқаррар намудани ҳолатҳои воқеӣ ва истифодаи дурусти қонунҳо ҳангоми ҳалли парвандаҳо шароит фароҳам оранд.

Ҳар як судя бояд масъулияти баланд ҳис намояд. Аз як тараф, агар дар мурофиа тақдири инсон ҳал гардад, аз ҷониби дигар, дар натиҷаи фаъолияти ӯ боварии ҷомеа нисбат ба суд инъикос мегардад. Бояд дар назар дошта бошем, ки ошкоро будани муҳокимаи судӣ, сари вақт ва холисона огоҳ намудани ҷомеа дар бораи фаъолияти судҳо кафолати муҳокимаи одилонаи судӣ ва яке аз воситаҳои таҳкими боварии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Принсипи давлати мо тақозо месозад, ки ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, соҳибҳуқуқу озод аст.

Принсипи баробарӣ дар назди қонун ва суд, баробарии ҳуқуқу уҳдадориҳои тамоми субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавиро дар назар дошта, нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи судӣ паҳн мегардад. Аз ин лиҳоз, суд ҳангоми баррасии парванда ба шахсони иштирокчии парванда бартарият ва афзалият намедиҳад ва танҳо бояд дар асоси далелҳои мавҷуда санадҳои судии қонунӣ, қарори асоснок ва одилона қабул намоянд.

Дар Суди вилояти Хатлон ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Барои он ки қонунҳои ҷорӣ риоя шаванд, онро пеш аз дигар шаҳрвандон бояд кормандони соҳаи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти судӣ риоя намоянд. Мутобиқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар корманди мақомоти судӣ вазифадор аст, ки дар фаъолият волоияти қонун, шаффофият, адолати судӣ ва баррасии одилонаи парвандаҳои судиро дар доираи қонунгузории мамлакат таъмин намояд. Илова бар ин, ҳифзи содиқонаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои давлату миллат, риояи ҳатмии талаботи қонун ва пешгирии ба таъхир афтодани муҳлатҳои баррасии парвандаҳоро дар мадди назар дошта бошад. Ба ибораи дигар, масъулияти мо баландтар аст ва кӯшиш менамоем, ки вазифаамонро поквиҷдонона иҷро намоем.

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# НИЯТИ НЕКУ АЗМИ ҚАВӢ МОРО БА МАҚСАД МЕРАСОНАД

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000-ум инҷониб ҳар сол ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегардад. Дар он як соли кишвар таҳлил шуда, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ барои соли оянда муайян карда мешавад. Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст аз идомаи бомароми созандагиву ободкорӣ, амалӣ шудани нақшаву барномаҳо барои рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат мужда дода, бо ёдоварӣ аз вазъи мураккаби сиёсиву иқтисодии ҷаҳон чунин изҳор доштанд: «Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард сомонӣ ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт».

Дар Паём зикр гардид, ки дар ин давра беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 ҳазор, ҷои кори нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Тавре аз Паёми Пешвои миллат бармеояд, дар давраи зикршуда аз ҳисоби сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст. Дар 31 соли соҳибистиқлолӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда мавриди истифода қарор гирифт.

Рақамҳои истифодашуда гувоҳи зери таваҷҷуҳи хоса қарор доштани соҳаи маориф аст. Роҳбари давлат аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан барои рушди соҳаи маориф аз ҳама имконот истифода мебаранд. Тавре аз Паёмҳои қаблӣ ва суханрониҳояшон дар чорабиниҳои дигар бармеояд, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълиму тарбияи насли наврасро дар рӯҳияи худшиносиву ватандӯстӣ аз омилҳои муҳими рушду пешрафтиояндаи давлат медонанд. Аз ин ҷост, ки ҳама шароити заруриро барои ба таҳсил фаро гирифтани шаҳрвандон муҳайё мекунанд.

Хусусан, ин нукта: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад» - аз мақом ва ҷойгоҳи соҳаи маориф дар сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Давлату Ҳукумат гувоҳӣ медиҳад.

Пешвои миллат дар идома мақсад аз амалӣ сохтани иқдомот дар самти рушди илму маорифро баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй арзёбӣ карданд.

- Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободии Ватан ба сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад, зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меорад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад, - таъкид шудааст дар Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Соҳаи дигари иҷтимоӣ, ки бо маориф дар як сатҳ мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор дорад, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Пешвои миллат зимни таҳлили он зикр карданд: «Агар то соли 1991, яъне дар 70 соли замони гузашта дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 ҳазору 800 нафар корманд фаъолият дошта бошад, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан дар 25 соли охир, 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2022-юм 4,3 миллиард сомонӣ, равона карда шуд».

Роҳбари мамлакат дар идома барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба он бунёди муассисаҳои нав, навсозии муассисаҳои мавҷуда ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳоро зарур шуморида, бо ин мақсад, танҳо дар ду соли охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба муассисаҳои тандурустии кишвар ба маблағи зиёда аз 1 миллиард сомонӣ беш аз 200 номгӯй дастрас шудани таҷҳизоту дастгоҳҳои муосирро зикр карданд.

Рақамҳои зикршуда бозгӯкунандаи миқёси корҳои анҷомдода дар бахши тандурустист. Натиҷаи таваҷҷуҳу ғамхории Сарвари давлат аст, ки имрӯз дар кишвари мо амалиёти тиббие анҷом дода мешаванд, ки солҳои пеш барои он ба хориҷ сафар кардан лозим мешуд. Ҳоло бошад, на танҳо ҳамватанон, балки шаҳрвандони дигар кишварҳо низ барои табобати баъзе аз бемориҳо ба муассисаҳои тиббии Тоҷикистон муроҷиат мекунанд.

Хулоса, Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо - соҳибватанонро барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, беҳтар намудани шароити зиндагии мардум роҳнамоӣ мекунад.

**Умеда ЭМОМАЛИЗОДА, муовини раиси Суди ноҳияи Фирдавсӣ**

# ФОРУМИ XVIII СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

**Аз 22 то 23-юми майи соли равон бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми XVIII Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор гардид.**

Форум соли 2006 таъсис ёфта, аз ҳар давлати аъзо як маркази муҳими таҳлилӣ шомили он мебошад. Раёсатро дар он ҳар сол маркази миллии таҳлилии як давлати аъзо ба дӯш мегирад. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон форумро Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад.

Аз замони таъсисёбӣ то имрӯз таҳти раёсати давлатҳои аъзо 17 ҷаласаи форум баргузор гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ду маротиба - солҳои 2010 ва 2016 раисии онро ба дӯш дошт, ки форумро дар сатҳи баланди байналмилалӣ доир намуда буд.

Дар форум масъалаҳои зиёд, аз қабили СҲШ ва воқеияти нави ҷаҳон, ҳолати кунунии иқтидори посухгӯии СҲШ ба чолишҳои муосир, уфуқҳои стратегии СҲШ дар шароити ташаккулёбии ҷаҳони бисёрқутбӣ, сиёсати амниятии СҲШ дар шароити тағйирёбии табиат, ҷуғрофиё, миқёси чолишҳо ва таҳдидҳои анъанавию ғайрианъанавӣ, хатарҳои иттилоотӣ ва шабакавӣ, дарки таҳдидҳо, таҷрибаҳои миллии муқовимат ва механизмҳои табодули таҷриба дар доираи СҲШ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар он роҳбарон ва коршиносони варзидаи марказҳои таҳлилӣ ва муассисаҳои илмию таҳлилии давлатҳои аъзо, нозир ва шарикони муколамаи СҲШ, Котиботи СҲШ, намояндагони сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай, ҳамзамон коршиносон ва рӯзноманигорони ватанию хориҷӣ иштирок намуданд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

# ВОСЕЪ: Мушкилотро кӣ бояд рафъ созад?




**Бинои кухна, синфхонаҳои тангу торик, норасоии мизу курсӣ, набудани толори варзишӣ, кабинетҳои фаннӣ ва хонаи омӯзгорон мушкилоти Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38 - и деҳаи Дарнайчии Ҷамоати деҳоти ба номи Худоёр Раҷабови ноҳияи Восеъ ба шумор мераванд.**





Муассисаи таълимӣ аз маркази ноҳия 30 километр дур буда, аз 12 синфхона иборат мебошад. Дар он 507 хонанда дар ду баст таҳсил менамоянд. Ба онҳо 42 омӯзгори соҳибтахассус таълим медиҳанд. Он соли 1959 бунёд гардида, то имрӯз боре пурра таъмир нашудааст. Албатта, қабл аз оғози соли нави хониш муассиса таъмири ҷорӣ мешавад, аммо он мушкили ҷойдоштаро бартараф карда наметавонад.

Аз ҳоли табоҳи муассиса масъулин, хоса раиси ноҳияи Восеъ ва мудири шуъбаи маорифи ноҳия, огоҳанд, аммо таассуфовар он аст, ки ба хотири рафъи мушкилоти ҷойдошта чораҳои зарурӣ наандешидаанд. Ин дар ҳолест, ки дар бисёре аз навоҳии кишвар чунин мушкилотро бо ҷалби соҳибкорони ватандӯсту ободгар бартараф намудаанд.

Тавре аз суҳбат бо директори муассиса Умед Аламов маълум шуд, соли 2018 бо кумаку дастгирии волидон ва тариқи ҳашар дар муассиса ду синфхонаи иловагӣ сохта шуд, вале ин мушкили норасоии ҷойи нишасти хонандагонро бартараф карда натавонист.

Мудири шуъбаи маорифи ноҳия Рустам Солеҳзода дар суҳбати телефонӣ ба мо гуфт: «Сохтмони бинои нав барои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38 ба «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027» ворид шудааст ва бояд аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ сохта шавад».

Тибқи иттиллои дастрас, баъд аз боздиди мо аз муассисаи мазкур, шуъбаи маорифи ноҳия 20 мизу курсӣ ва 2 тахтаи электронӣ барои хонандагони муассиса фиристодааст. Аммо мушкили мазкурро бо таъмири ҷорӣ ва чанд мизу курсӣ наметавон бартараф сохт.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуданд: «Ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад». Воқеан чунин аст. Ба ин хотир, бояд тамоми чораҳои заруриро биандешем, то мушкилоти дар ин самт ҷойдошта зудтар бартараф гардад.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и деҳаи Дарнайчии Ҷамоати деҳоти ба номи Худоёр Раҷабови ноҳияи Восеъ дар доираи «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027» навсозӣ мешавад ё не, вақт нишон медиҳад

«Садои мардум» мавзӯъро пайгирӣ хоҳад кард.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

Проблема ва мулоҳиза

# ИНТЕРНЕТИ ТОҶИКӢ
## ЧИРО МЕОМӮЗЕМУ ЧИРО НЕ?

### ЧАНД САВОЛИ БЕҶАВОБ

Як гурӯҳ донишҷӯён ба идораи рӯзнома омаданду доир ба корҳои эҷодӣ суҳбат кардем. Яке аз онҳо мавзӯи суҳбатамонро ҷониби донишҳои техникӣ бурда, нигаронӣ кард:

- Дар донишгоҳ дониши техникии вобаста ба касбамонро мегирем, вале кифоя нест. Меҳоҳем дар баробари навиштанро омӯхтан, инчунин танзими садову навор, саҳифабандии рӯзномаро, ки дар кориояндаамон зарур мешавад, омӯзем, аммо...

- Аз интернет омӯзед. Дар фазои маҷозӣ, ки дунёи беохир ҳам ном бурда мешавад, ҳоло дилхоҳ соҳаро омӯхтан мумкин аст, - гуфтам.

- Мутаассифона, мо забони русиро то андозае намедонем, ки дар интернет аз наворҳои омӯзишии русҳо омӯзем, - гуфт дигаре.

- Чаро касбҳои бозоргирро мутахассисони тоҷик дар интернет намеомӯзонанд? - пурсид сеюмӣ?

- Барои чӣ танзимгар, барномасоз, мутахассиси SMM (маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ), дизайнер ва донандаи барномаҳои нав надорем? - савол дод, нафари чорум.

- Чаро дар умум мо ба касбҳое, ки дар муддати кӯтоҳ омӯхтан мумкин аст, таваҷҷуҳ зоҳир намекунем? – пурсид дигаре.

Ба ҷои ҷавоб ба саволҳояшон гуфтам, ки хуб мешавад ҳадди ақал забони русиро омӯзед, зеро барои рушди худ дар интернет ин забон хеле муҳим аст. Бачаҳо дуруст мегӯянд. Бо вуҷуди мутахассисони хеле хуб доштан, мо дар фазои маҷозӣ саҳифаҳои омӯзишӣ кам дорем.

Дар сегменти русӣ ва англисии интернет, ки ба мо наздиканд, садҳо наворҳои омӯзишӣ, ҳатто курсҳои алоҳида доир ба ҳар соҳа, ҳар барнома ва ҳар мавзӯъро пайдо кардан мумкин аст. Барои мисол, саҳифабандони рус ва англис дар «YouTube» саҳифабандии рӯзнома, маҷалла, китоб, баннер ва ғайраҳоро меомӯзонанд. Иловатан, барои аудиторияашон тарзи кор дар ҳар барномаро бо номҳои «Курси омӯзишии барномаи Adobe InDesign 2020», «Курси омӯзишии саҳифабандӣ дар барномаи Adobe InDesign 2021». Ҳамин тавр, доир ба мавзӯъҳои хос, «кор бо матн», «кор бо сурат», «кор бо матну сурат дар якҷоягӣ» ва ғайраҳо навори алоҳида мекунанд. Тавре саҳифаҳояшонро пеш мебаранд, ки корбарони интернет мувофиқи донишу фаҳмиш аз онҳо истифода мекунанд.

Нафаре, ки бо барнома умуман шинос нест, курси пурраро меомӯзад, нафаре, ки медонаду баъзе нофаҳмиҳо дорад, аз мавзӯъҳои алоҳидаи онҳо истифода мебарад.

Мо дар кишвар мутахассисони сатҳи баланд зиёд дорем, ки намояндаи соҳаҳои гуногунанд. Касбҳои наву бозоргирро то андозаи даркорӣ медонанду фаъолияти босамар доранд. Аз барномасозӣ то дизайну мутахассиси SMM, аз донандаи барномаҳои танзимӣ то саҳифабандони ҳирфаӣ, вале дар миён монеаи номаълуме мавҷуд аст, ки касе аз онҳо иқдоми роҳандозии курси худро намекунад.

Дар интернет дониши худро ба мардум додан, агар аз як ҷиҳат, кори хайр бошад, пас аз ҷониби дигар, тарғиби истеъдод аст. Барои мисол, аксари нафароне, ки дар интернет ба мардум соҳаеро ройгон меомӯзонанд, ҳатман курси махсуси пулакии худро доранд.

### БА ҶОИ СЕ НУҚТА

Ҳоло дар кишвар зиёда аз 4 миллион корбарони интернет ҳастанд, ки мутаассифона, аксаран мувофиқи табъу завқашон матолиб намеёбанд. Агарчӣ сафи фаъолон ё худ блогерон рӯз аз рӯз зиёд шуда бошад ҳам, матолиби таҳияшуда мазмунан беҳ намегарданд.

Моро мебояд иқдомҳоеро пеш гирем, ки насли калонсол дар интернет ҳам барои насли ҷавон роҳнамо бошад. Замоне расидааст, ки муаллим дар баробари таълим додан дар мактаб, дар фазои маҷозӣ ҳам омӯзонданро оғоз кунад.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# ПАНҶАКЕНТ: ШУМОРАИ СОҲИБКОРОНУ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ АФЗУД

**Натиҷаҳои фаъолияти соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳри Панҷакент давоми семоҳаи аввали соли 2023 барои иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанде пеш дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд баррасӣ гардид.**

Дар маҷлис ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусаттор Саидов ва муовини раиси вилояти Суғд Зариф Мирдадо иштирок намуданд.

Дар бораи ҷамъбасти нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳр муовини раиси шаҳр Парвина Нақибӣ ҳисобот дод. Аз ҷумла зикр шуд, ки дар давраи мавриди назар барои иҷрои лоиҳаҳои дар «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2021-2025» пешбинишуда 793,3 миллиону 600 ҳазор сомонӣ харҷ шудааст, ки ин 42,5 фоизи иҷрои барномаро ташкил медиҳад.

Нақшаи қисми даромади буҷет, бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 103 ва даромад ба буҷети маҳаллӣ 103,6 фоиз иҷро гардид.

Шумораи соҳибкорон назар ба семоҳаи аввали соли гузашта афзуда, дар ин давра барои бунёди иншооти гуногун 141 миллиону 4 ҳазору 800 сомонӣ маблағгузорӣ шуд. Муҳим он аст, ки дар ин марҳила шумораи корхонаҳои саноатӣ даҳ адад зиёд гардид.

Дар ин давра, ҳамчунин, «Барномаи рушди ҳунармандӣ дар шаҳри Панҷакент барои солҳои 2023-2025» ва нақшаи чорабиниҳо барои татбиқи он таҳия шуда, 1100 нафар ба ин раванд ҷалб шудаанд.

Зикр шуд, ки ба истиқболи 35 - умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 1000 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта, ҳоло корҳои сохтмону ободонӣ дар 15 бинои истиқоматии бисёрошёна бо марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, беморхонаи минтақавӣ дар деҳаи Ғӯсари Ҷамоати деҳоти ба номи Лоиқ Шералӣ ва чор муассисаи таълимӣ идома дорад.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 84 миллион сомонӣ афзуда, нуҳ сардхона бо ғунҷоиши 1930 тонна маҳсулот фаъолияти пурмаҳсул доранд. Нотиқ иттилоъ дод, ки дар 44 гармхона (14 ҳазору 70 метри мураббаъ) лимӯ, помидор, бодиринг ва гул парвариш мешавад ва дар хоҷагии ёрирасони назди Корхонаи муштараки «Зарафшон» бунёди гармхонаи замонавӣ ба масоҳати 1 гектар оғоз гардидаст.

**Компрони АСЛОН, «Садои мардум»**

# АРМУҒОНИ АРЗАНДАИ ИДОНА

**Бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардум барои ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлолияти давлатии мамлакат сарҷамъона омодагӣ мегиранд. Ба хотири истиқболи сазовор аз ин санаи фархунда дар ноҳияи Рашт низ корҳои ободониву созандагӣ бомаром идома доранд.**

Муовини раиси ноҳияи Рашт Ҳамдулло Шарифзода гуфт, ки бо ҷалби аҳолӣ ва соҳибкорону сармоягузорон ба истифода додани 203 иншооти таъиноти гуногун дар самти сохтмон ва меъморӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ин шумора 145 адади он ки 72 фоизи нақшаро ташкил медиҳад, аз ҷониби бахши хусусӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки соли 2022 дар арафаи таҷлили 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Парчами давлатӣ ва дар Ҷашни байналмилалии Наврӯз 64 иншооти таъиноти гуногун ба истифода дода шуда буд.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# АСОЛАТИ МИЛЛӢ ВА ХЕШТАНШИНОСӢ

**Соли 2011 бо ташаббус ва пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифт, ки саривақтӣ ва муҳим ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки зарурати қабули ҳар як қонунро шароит ва эҳтиёҷот ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии мавҷуда талаб менамояд.**

Ин раванд тақозо мекунад, ки тарбияи насли наврасро таҳким бахшида, пояҳои онро устувор намуд, зеро тарбия яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, насли наврас ҳамеша ба он ниёз дорад. Маҳз, тарбияи хуб метавонад дар зиндагии инсон таъсири босазо гузошта, самтҳои ояндаи дурусти рӯзгори ӯро муайяну мушаххас созад. Бояд қайд намуд, ки ояндаи миллат ба таълиму тарбияи фарзанд вобаста аст. Аз ин хотир волидони имрӯзаро мебояд зиракии сиёсиро аз даст надода, пайваста дар талош бошанд, ки барои рӯҳияи насли наврас ба вуҷуд овардани ҳисси меҳандӯстиву худшиносии миллӣ асос гузоранд. Дар амалӣ намудани меъёрҳои қонуни мазкур волидайн бетараф набуда, баръакс кӯшиш намоянд, ки дар чаҳорчӯбаи он амал намоянд, зеро қонуни мазкур тамоми масъалаҳои таълиму тарбияро дар бар гирифта, он як меъёри ёрирасон дар таълиму тарбияи фарзанд гаштааст. Аз ин рӯ, падару модарон ва омӯзгорон муваззаф мебошанд, ки насли наврасро дар рӯҳияи ватанпарастӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ифтихор аз гузаштаи хеш ва ҳувияти миллӣ тарбия намуда, ин ҳиссиётро дар онҳо ташаккул диҳанд, зеро собит шудааст, ки раванди ҷаҳонишавӣ фарҳангу анъанаҳои заиф ва худшиносиву худогоҳии миллии нотавонро ба коми худ фурӯ мебарад.

Барои он ки ҷавонон ба фишори ҷаҳонишавӣ муқовимат намуда, асолати миллӣ ва худогоҳиву хештаншиносиро ҳифз намоянд, мусаллаҳ будани онҳо бо донишҳои ҷаҳони муосир ҳатмӣ мебошад. Яке аз ҳадафҳои асосии эълон гардидани соли 2017 «Соли ҷавонон» ташаккули худшиносиву ҳувияти миллии ҷавонону наврасон буд. Ин ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва эътимодашон ба ҷавонони кишвар дар ташаккулу маърифат ва ҷаҳонбинии эшон таъсири босазо гузошт ва беҳтарин василаи пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро мебошад.

Ҳар инсон он вақт хушбахт аст, ки соҳибватан бошад, зеро маҳз Ватан ба ҷисму рӯҳ, саломатӣ ва оромиву сурурро эҳдо менамояд. Ба қадри обу хоки Ватан на танҳо касе расида метавонад, ки солҳо дар ғурбат зиста, ранҷу азоби танҳоиро чашида, рӯзу шабҳоро дар хавотирӣ паси сар карда бошад, балки ҳар як фарде, ки дар Ватан ҳаст, ба қадри он бояд расад, ин аст рисолати зиндагӣ. Инсон метавонад дар ҳар гӯшаву канори дунё зиндагии хуб дошта бошад, аммо осоиш надорад, чунки дур аз сарзамини модарӣ асту ҳар лаҳза ӯро ёди Ватан мегирад.

Зиндагӣ ва ҳадаф аз он дар чист? Барои посух гуфтан ба ин суол, пеш аз ҳама, бояд фаҳмид, ки ҳар як мавҷудоти зиндаи табиатро дар ин олам рисолате бар дӯш аст. Масалан, агар вазифаи дарахтони соябкан, қабл аз ҳама тоза кардани ҳаво аз гази карбон ва дар навбати худ бой сохтани он бо оксиген бошад ва ё ба ҳамин монанд, агар вазифаи парандагон аз кам кардан ва ё нест кардани ҳашароти зарарасон иборат бошад, пас рисолати инсон дар чист? Он бешубҳа, саҳм гузоштан дар пешрафти Ватани азизи худ ва мусоидат кардан барои рушду нумӯи он. Агар чунин аст, пас чаро бархе дидаву дониста, ба ҷойи он ки дар ободии диёр заррае ҳиссагузор бошанд, даст ба содир карданӣ ҷинояту ҷинояткорӣ ва дигар аъмоли нанговар мезананд? Суолест, ки ҳар кадоми моро бояд ба андеша водор созад.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

# ДИРӮЗУ ИМРӮЗИ СИРКИ ТОҶИК

## Мусоҳиба бо директори генералии Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» Бахтиёр Раҳматуллозода



**- Сирки тоҷик то имрӯз кадом марҳилаҳоро пушти сар намудааст?**

-Тибқи нигоштаи донишманди асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ, дар асрҳои миёна миёни мардуми мо ҳунарҳои чашмбандӣ, масхарабозӣ ва торбозӣ ривоҷ ёфта буд. Ин ҳунарҳо пештар низ вуҷуд доштаанд. Ҳунармандон истеъдоди хешро асосан дар рӯзҳои иду ҷашнҳо ба мардум намоиш медоданд, вале мафҳуми сирк ва нахустини гурӯҳҳои сиркбозон дар кишвари мо соли 1929 пайдо шуданд. Ҳамон сол дар яке аз қисмҳои ҳарбӣ аввалин гурӯҳи сирк таъсис ёфт, вале бинои алоҳида надошт. Намоишҳо дар кӯчаву майдонҳо баргузор мешуданд. Аз сабаби набудани шароити мусоид пас аз муддате гурӯҳро ба Ӯзбекистон фиристоданд. Дертар гурӯҳҳои дигар низ ба вуҷуд омада, боз пароканда шуданд.

Соли 1977 дар яке аз мавзеъҳои зебои шаҳри Душанбе, байни кӯчаи Н.Қарабоев ва хиёбони Правда (ҳоло Саъдии Шерозӣ) бинои наву зебои Сирки давлатии Тоҷикистон бунёд ёфт.

Дар давраҳои гуногун дар сирки тоҷик шахсиятҳои наҷиб, мисли Ҳунарпешаи халқии ҶШС Тоҷикистон П. Юсуфов, Ҳунарпешаи хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон Т. Давлатов, ҳунармандон А.Турдиев, Р. Ёқубов ва Р. Урунова пурсамар фаъолият намудаанд, ки онҳоро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он низ мешинохтанд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ сирки тоҷик муддате дар ҳолати ногувор қарор дошт, аммо ин ҳолат тӯл накашид. Яке аз сарсупурдагони соҳа Сафиаллоҳ Иззатуллоев кори сиркро аз нав ба роҳ монд. Он замон аксар ҳунармандон тарки кишвар карда буданд, вале ӯ тавонист ҳунармандони боқимондаро атрофи худ ҷамъ намуда, барои эшон шароит фароҳам орад. Ман ҳамон айём ба кор омадам.

**-Дар даврони соҳибистиқлолӣ сирки тоҷик ба кадом дастовардҳо ноил шуд?**

-Ин давраро метавон марҳилаи нави рушди сирки тоҷик унвон дод. Дар ин марҳила ҳунармандони ҷавону боистеъдод ба кор ҷалб шуданд. Сирки давлатии Тоҷикистон бо барномаҳои ҷолиб ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ва берун аз он сафарҳои зиёд анҷом дод. Чанд сол қабл гурӯҳи торбозони тоҷик қариб як сол дар сафари ҳунарӣ дар Ҷумҳурии Арабии Миср қарор доштанд. Соли сипаришуда ҳунарманди сирк Муҳаммад Шарифзода ҳамчун мутахассиси соҳаи эквилибристика 6 моҳ дар сафари ҳунарӣ дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон буд. Ҳунарнамоии ӯ тамошобинони олмониро писанд омад ва имсол ӯро ба муддати се моҳ барои ҳунарнамоӣ ба шаҳрҳои дигари ин кишвар даъват карданд. Соли гузашта бо даъвати Ҷумҳурии Исломии Покистон гурӯҳи торбозони тоҷик дар ин кишвар ҳунару маҳорат намоиш доданд.

Бояд зикр кард, ки дар ташкили сафарҳои якҷояи ҳунармандони сирк ба хориҷи кишвар ҳанӯз душвориҳо вуҷуд доранд. Барои ин, пеш аз ҳама, маблағи зиёд лозим аст.

Сирки тоҷик имрӯз бо бисёр сиркҳо, аз ҷумла Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои ИДМ, ҳамкорӣ дорад. Қариб ҳар сол дар толори сирки Душанбе сирки кишварҳои гуногун барномаҳои хешро пешкаши тамошобинони тоҷик менамоянд.

Муваффақияти дигари сирки тоҷик ин аст, ки дастпарварони мо Манижа Ҳанифова ва Мадина Назарова дар Фестивали бозиҳои делфӣ, ки соли 2013 дар шаҳри Новосибирски Федератсияи Россия баргузор шуд, бо медали бириnҷӣ ба Ватан баргаштанд.

**- Оё нархи чиптаҳо барои тамошобинон дастрас аст ва умуман имрӯз толор аз тамошобинон пур мешавад?**

- Мо тамошобинони худро дорем. Аксари онҳо дар ҳамаи намоишҳо иштирок менамоянд. Масалан, аз 21-ум то 26-уми марти соли равон бахшида ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз барномаро зери унвони «Наврӯзи Ватан» омода намудем. Толор пур буд, ба баъзеҳо ҳатто чипта нарасид.

Дар хусуси арзиши чиптаҳо ҳаминро гуфтаниам, ки мо арзиши онро паст карда наметавонем, зеро харҷамон зиёд аст.

**- Омода намудани мутахассисони ҷавони сирк чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

- Чанд сол қабл аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 12 довталаб аз рӯи 8 жанр - эквилибристика, акробатика, жонглёр ва чашмбандӣ дар Омӯзишгоҳи давлатии санъати сирк ва эстрадаи ба номи Румянсеви шаҳри Москва таҳсил карда, пас аз хатми он дар сирк ба кор қабул шуданд. Илова бар ин, соли гузашта 10 ҳунарманд дар шаҳри Пекини Ҷумҳурии Мардумии Чин такмили ихтисос намуданд.

Соли 2001 бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ дар назди Сирки давлатии Тоҷикистон Студияи ҳунарҳои сиркӣ таъсис дода шуд. Ба студия хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки истеъдод ва ба сирк шавқу рағбат доранд, ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

---

Номаи бетаҳрир

# АЗ МАСОФАИ 10 КИЛОМЕТР ОБ МЕКАШОНЕМ

**Дар Ҷамоати деҳоти «Ҳаёти нав» зиёда аз 122 хоҷагии деҳқонию фермерӣ фаъолият менамоянд. Аъзои хоҷагиҳои фермерӣ асосан ба пахтакорӣ машғул мебошанд. Барои обёрии пахтазор аз ҷӯйборҳои бетоние, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ сохта шуда буд, истифода мебаранд. Вақтҳои охир сутунҳои ин ҷӯйборҳои бетонӣ фурӯ рафта, об кам шуд. Обҳои зеризаминӣ баланд шуда, шӯрии замин зиёд гардидааст.**

Барои ҳал кардани ин мушкилот ба роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон якчанд маротиба муроҷиат намуда будем, лекин бенатиҷа. Талаботи халқ ба оби ошомиданӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст. Баъд аз хушк шудани ҷӯйборҳои бетонӣ мардуми деҳот маҷбур мешаванд, ки аз даҳ километр дурӣ оби нӯшокӣ кашонида истифода баранд.

Шояд баъд аз чопи ин муроҷиат ниҳодҳои масъул барои ҳалли мушкилоти мо камар банданд?

**М. ДАВЛАТОВ, П. ФАЙЗУЛЛО, Қ. БОЗОР, Т. АЗИМ ва дигар сокинони Ҷамоати деҳоти «Ҳаёти нав»-и ноҳияи Ёвон**

---

Аз рӯзгори одамони наҷиб

# ҶАВОНМАРДЕ АЗ ТАБОРИ ҚАҲРАМОНОН

**Ҷӯрабой Раҳмонов соли 1927 дар Совети қишлоқи ба номи Кирови собиқ райони Регар (ҳоло шаҳри Турсунзода) ба дунё омадааст. Солҳои 1940 - 1949 механизатор, 1949 - 1973 сардори бригадаи пахтакорӣ ва аз соли 1974 ба ҳайси мудири участкаи колхози ба номи Владимир Илич Ленини райони Регар фаъолият намуд. Барои ба даст овардани ҳосили баланди пахта дар солҳои 1965 - 1966 бо ду Ордени Ленин, орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва дигар медалҳо қадр шудааст.**

**Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1966), Устоди пахтаи Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (1956) буд.**



Замони бачагӣ филми «Ҷӯра - саркор»-ро тамошо карда фикр намекардам, ки оянда ҳамкорию дӯстӣ бо писари қаҳрамони филм насибам мегардад.

Солҳои 2013 – 2016, замони сармуҳаррири моҳномаи «Ҳомии омӯзгор»-и Кумитаи иттифоқҳои касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буданам, чанд сол бо Бахтиёр Раҳмонов - писари Ҷӯрабой Раҳмонов ҳамкорӣ доштем. Бо вуҷуди муддати кӯтоҳ фаъолият доштан дар соҳаи мазкур ману Бахтиёр унс гирифтем ва ин дӯстӣ то имрӯз побарҷост. Дар рӯзҳои шодию ғам ҳамшарикем.

Ҷӯра-саркор соли 1985 хеле барвақт, дар 58-солагӣ аз олам гузашт. Ноябри соли 2022 ҳамсараш, ки танҳо фарзандонро тарбия ва ба воя расонд, дар 93-солагӣ ин дунёро падруд гуфт. Бо ҳамкорони собиқ барои ҳамдардӣ ба кулбаи хоксорона, вале пурбаракаташон рафтем. Рӯи курсӣ, рӯ ба айвони хонаи пастаку назарногири Ҷӯра-саркори замоне маълуму машҳур нишаста, бо мисраи устод Рӯдакӣ «Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ...» ба дил аҳсан хондам.

Бахтиёр давомдиҳандаи кору рӯзгори ӯ, монандӣ дораду мондание аз қиблагоҳ не. Ҳалиму хоксор, меҳнатдӯсту инсондӯст, меҳмоннавоз ва ба нону намак. Фарқ ин, ки шуғли пешакардаи писар ангурпарварӣ, он соҳае, ки дар ин минтақа рушд кардааст, мебошад.

Ҷӯра-саркор дар истеҳсолот ва дар муҳити хона интизоми меҳнатиро ҳатман нигоҳ медошт. Саркор пайваста таъкид мекард, ки бало болои сари одамӣ аз бекорист. Одами коҳилу меҳнатгурез ба бероҳагӣ меравад ва дарди сари наздикону ҷомеа мегардад. Меҳнат бошад, беҳтарин дӯсти инсон аст. Аз меҳнати ҳалол файзу баракат меафзояду ризқу рӯзӣ ба кас бештар насиб мегардад.

Аз суҳбат бо Бахтиёр маълум гардид, ки айёми бачагиаш дар хонадони онҳо бо ҳузури ходимони намоёни давлатию сиёсӣ нишастҳои пуршукӯҳ барпо мегардид. Қиблагоҳро шахсиятҳои маъруфе чун Ҷаббор Расулов, Турсун Ӯлҷабоев, Шароф Рашидов мешинохтанду эҳтиром доштанд. Саркор ҳам бо вуҷуди серкорӣ, кӯшиш ба харҷ медод, ки меҳмонон бо таассуроти ҷолиб аз хонаи ӯ баргарданд. Дарвоқеъ, ҳоло ҳам хонаю ҳавлӣ ҳамон гунае аст, ки солҳои 60-уми асри XX бунёд ёфта буд. Фақат намои берунаш рангубор ёфта, шафати дигари ҳавлӣ чанд ҳуҷраи нав бунёд гардидаасту халос. Навигарии дигари ҳавлӣ ин рӯи девори даромадгоҳи хона лавҳаяки мармарин бо акси Ҷӯра-саркор ва навиштаҷоти «Дар ин хона Ҷӯра Раҳмонов, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ зиндагонӣ кардааст», мебошад.

Дар яке аз ташрифҳо ба ин манзили хоксорона меҳмони олимартабае эрод гирифт, ки наход ки дар Тоҷикистон Қаҳрамон ҳамин қадар қадр дошта бошад, ки барои ӯ хонаи барҳавои замонавӣ сохта натавонанд. Ба ин кор дар ҷумҳурӣ камар бастанӣ шуданд, ки Ҷӯра - саркор садди роҳ гардид. Гуфт, ки дар ин сурат, ман аз тирезаи хонаи баландошёна, ба чашми ҳамсояҳоям, ки дар хонаҳои одӣ зиндагӣ мекунанд, чӣ гуна менигарам? Магар намегӯянд, ки Ҷӯра ҳам аз худ рафт? Ин марди шариф, ки дар чунин муҳит, миёни одамони одию меҳнатӣ ба камол расида буд, то охирин нафас чунин монд. Он замон мардум ба ҳамдигар эҳтиром мегузоштанд. Ҳеҷ кас бетараф набуд. Эҳтиёт мекарданд, ки ангуштнамои касе набошанду ҳайфи ту нашунаванд. Хурдтарин амали нохуб мавриди сарзанишу муҳокима қарор мегирифт. Аз нигоҳу ғазабу нафрати мардум истиҳола мекарданд. Ҳама чун узви як оила дар ғаму шодӣ бо ҳам буданд ва аз муваффақияти якдигар шод мешуданд.

Саҳрои кор ба хонаи асосии мардум табдил ёфта буд. Ҳама садоқатмандона меҳнат мекарданд. Ба хонаҳояшон бевақт фақат барои анҷом додани корҳои хона, дидори аҳли байт ва истироҳат меомаданду халос. Ба Ҷӯра - саркор бошад, бештар гарон афтода буд, зеро ӯ бори масъулият мекашид. Баъзан ҳафтаҳо, аз сабаби субҳи солеҳон ба кор рафтану бевақт ба хона баргаштан, фарзандон падарро дида наметавонистанд. Баъд аз анҷоми кор, то дер дар маркази ноҳия банди маҷлис, ҳисоботдиҳию нақшакашӣ мешуд. Бо вуҷуди маълумоти олӣ надоштан, Ҷӯра - саркору Миралӣ Маҳмадалиев барин қаҳрамонони меҳнат бо истеъдоду дониши худододӣ ҷамоати бузурги меҳнатиро сарвар ва хоҷагиро рушд бахшида буданд. Хурду калон бе дуою маслиҳати ин пирони кор амалеро ба худ раво намедонистанд. Мавриди Ҷӯра - саркор мегуфтанд, ки аз сари замин истода гуфта метавонад, ки кучҳои пахтазор, чӣ навъ об хӯрдааст.

Боре Бахтиёр қисса кард, ки ҳарчанд аз телефони хонагӣ бо телефони утоқи кории Котиби генералии КМ КПСС Л. И. Брежнев пайваст шудан имконпазир буд, боре ҳам аз ин имтиёз истифода набурд.

Бахтиёр дар шаҳри Москва таҳсилро оғоз ва онро дар шаҳри Тошканд идома дода, дар шаҳри Душанбе маълумоти касбӣ гирифта, ҳоло ҳамчун сармуҳосиби Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Турсунзода фаъолият дорад. Бо вуҷуди он ки маъюб аст, кори худро бекаму кост пеш мебарад. Суиистифода аз мавқеи қиблагоҳро қабул надошту гирди номи падар гаштанро ба худ раво надид.

«Ба ман вазифаю дороии зиёд лозим нест. Касбамро дӯст медорам. Бо обилаи кафи даст нони даҳони худро меёбам. Шукр, ки манфиатам ба ҷамъият, ба давлат мерасад», - мегӯяд ӯ.

Ваъдаву имтиёзе, ки дар Туркманистон бар ивази истифода аз таҷрибаи бой барои бунёди ангурзорҳо ба ӯ намуданд, рад карда гуфт, ки аз Тоҷикистони азизаш ҳеҷ куҷо рафтанӣ нест. Чун падар барои ободиву зебоии Ватан донишу таҷриба ва қувваашро дареғ намедорад. Бахтиёр Раҳмонов бо маънои том ворисӣ барҳақи падар ва идомабахши кори ӯ мебошад.

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

---

Фарзандони ту, Тоҷикистон

# ТАДҚИҚОТЕ, КИ АРЗАНДАИ ҶОИЗАИ НОБЕЛӢ АСТ

**Дар шумораи №9 аз 11-уми январи соли 2022-юми рӯзномаи «Садои мардум» мақолаи «Олими тоҷик ба илми нав асос гузошт» ба чоп расида буд. Дар он нисбат ба натиҷаҳои илмии олими тоҷик Тоир Раҷабов ва китоби ӯ «Оид ба тафовутҳо байни одамон, халқҳо ва миллатҳо», ки ба 8 забони Аврупо тарҷума ва чоп шуда буд, сухан мерафт. Мо тасмим гирифтем натиҷаҳои илмии Тоир Раҷабовро дар соҳаи илми физика, ки назаррас арзёбӣ мешаванд, шарҳу тавзеҳ диҳем.**

Тавре маълум аст, Ҷоизаи нобелӣ барои натиҷаҳои беҳамто ба муҳаққиқон дода мешавад. Одатан тадқиқоте, ки ба талаботи Ҷоизаи нобелӣ ҷавобгӯ мебошад, дар муассисаҳои илмие, ки заминаи мустаҳками моддӣ - техникӣ ва ходимони варзидаи илмӣ доранд, ба даст оварда мешавад. Таҳлили ҷуғрофии ба Ҷоизаи нобелӣ сарфарозгаштагон дар солҳои гуногун нишон медиҳад, ки аксарияти онҳоро олимони давлатҳои Ғарб – Аврупо ва Амрико ташкил медиҳанд. Ин табиист, зеро тӯли садсолаҳои охир илмҳои табиатшиносӣ дар ин кишварҳо босуръат рушд ёфт.

Имрӯз дар Тоҷикистон сулҳу субот ҳукмфармо ва шароит барои тадқиқоти илмӣ муҳайё мебошанд. Ин ба олимони мо имкон медиҳад, ки пурра ба кори илмӣ машғул шаванд ва натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оранд. Яъне, илми тоҷик ҳам метавонад ба Ҷоизаи нобелӣ даъвогар бошад. Аз ҷумла, дар ҷумҳуриамон дар мавзӯъҳои бунёдии назарияи илми физика тадқиқоти қобили таваҷҷуҳ анҷом ёфтааст.

Тадқиқоти Т. Раҷабов ба назарияи физика, ки дар тӯли садсолаҳо хулосаи ниҳоии илмӣ аз тарафи умум пазируфташуда надоранд, бахшида шудааст. Роҷеъ ба он олимони барҷаста, ба монанди И. Нютон, Н. Бор, М. Фарадей, Л. Лесаж, А. Эйнштейн, П. Дирак ва дигарон пажӯҳиш анҷом доданд. Натиҷаҳои тадқиқоти олими тоҷик Т. Раҷабов дар саҳифаҳои маҷаллаҳои байналмилалии илмии тақризшаванда, ба монанди «Physics Essays» (ду мақола), «International Journal of Geosciences», «Journal of Geoscience and Environment Protection», «Mathematical Statistician and Engineering Applications» ба чоп расида, дар конфронсҳои байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

Ба ҷанбаҳои бунёдии физика, ки пурра таҳқиқ нашудаанд, ин масъалаҳо иртибот доранд: бунёди назарияи ягонаи майдон, механизми таъсири гравитатсионӣ, пардагирии гравитатсионӣ масъалаи эфири нурбар, табиати қувваи инерсия ва ғайра. Дар самти омӯзиши бунёди назарияи ягонаи майдон асосгузори назарияи нисбият А. Эйнштейн ними ҳаёташро сарф кардааст.

Нисбат ба пардагирии гравитатсионӣ олимон дар давоми як аср кор мебаранд, вале дар айни ҳол маълум нест, ки ин ҳодиса дар табиат вуҷуд дорад ё не? Оид ба табиати қувваи инертсия ва механизми таъсироти гравитатсионӣ низ маълумоте вуҷуд надорад.

Бо пайдо шудани тасаввуроти нави физикӣ - физикаи квантӣ ва назарияҳои нисбият аксарияти олимон инкишофи ояндаи назарияи физикаро бо ин равияҳои физика алоқаманд меҳисобанд. Аммо дар ҳалли баъзе масъалаҳои физикаи нав оҷиз мемонанд. Аввал ин ки физикаи нав ё чӣ хеле мегӯянд, физикаи муосир характери абстрактӣ дорад ва ин истифодаи қобилияти ҷисмонии муҳаққиқро маҳдуд месозад. Физикаи муосир танҳо бо муодилаҳои риёзӣ ва хосиятҳои ҷисмҳо - масса, заряд, спин ва ғайра сарукор дорад, вале андозаҳои зарраҳои элементариро, ки ташкилкунандаи массаи ҷисм мебошад, тамоман ба эътибор намегирад. Физикаи муосир зарраҳои элементариро ҳамчун нуқтаҳои материалӣ арзёбӣ мекунад, ки он андоза надорад. Агар хосияти аввалини ҷисмҳо вуҷуд доштани онҳо бошад, хосияти дуюм миқдор ва андозаи онҳо дар фазо мебошад. Дар табиат ҳодисаҳое ҳастанд, ки бо ҳодисаи пардагирӣ (экранировка) алоқаманд мебошанд. Агар ҷисмро беандоза, ҳамчун нуқтаи материалӣ арзёбӣ кунем, ҳеҷ гоҳ ҳодисаҳои физикии ба пардагирии гравиатсионӣ асосёфтаро маънидод карда наметавонем. Ин ҳолат дар таърихи ташаккули афкори физикӣ ба амал омад. Назарияи классикии физикӣ, ки бо унвони «Лесаж» маъмул буд ва дар давоми аз якуним аср назарияи расмии кинетикии ҷозиба ба ҳисоб мерафт, бо пайдо шудани физикаи нав – назарияи умумии нисбияти Эйнштейн зери суол рафт. Бо ҳамин андеша рондан аз боби механизми таъсироти гравитатсионӣ нораво гашт, зеро «Лесаж» ягона назарияе буд, ки дар боби механизми таъсироти гравитатсионӣ тасаввурот пешниҳод мекард. Ин як намуд мушкилиро дар инкишофи тасаввуроти физикӣ ба амал овард ва олимон пайваста дар атрофи ин масъала андешарониро давом медиҳанд. Яке аз физикони машҳури асри бист, барандаи Ҷоизаи нобелӣ П. Дирак низ дар ин боб андеша ронда, баъд аз таҳлили чуқури давраҳои инкишофи назарияи физика, андешаи худро оид ба инкишофи баъдинаи назарияи физика дар мақолаи «The Evolution of the Physicist's Picture of Nature» («Эволютсияи сохтори физикии табиат»), ки соли 1963 дар маҷаллаи «Scientific American» чоп шудааст, изҳор намудааст. Ӯ се андеша пешниҳод карда буд: Баргаштан ба аналоги эфири классикӣ; маҳдуд намудани хатҳои қуввагии Фарадей; электронро ҳамчун курачаи андозаи охирнок тавсиф намудан. Андешаҳои П. Дирак пурра ҷузъиёти физикаи классикӣ мебошанд. Дар тӯли 60 соли сипаришуда баъд аз чопи мақолаи Дирак нисбат ба амалӣ намудани андешаҳои ӯ касе мароқ зоҳир накард. Маҳз дар тадқиқоти Тоир Раҷабов ҳар се андешаи П. Дирак амалӣ гардида, натиҷаҳои нав ба даст оварда шуданд.

Натиҷаҳои ҳосилшударо ба ду навъ тақсим кардан мумкин аст: натиҷаҳое, ки ба андешаи мутахассисон дар доираи физикаи классикӣ ба даст оварданашон ғайриимкон буд ва натиҷаҳое, ки якумин бор дар таърихи илми физика ба он муваффақ шудаанд. Ба натиҷаҳои навъи аввал дохил мешаванд:

- ҳосил намудани шакли аналитикии формулаи нурафкании атом – формулаи Балмер бе истифода аз постулатҳо. Дар нигоҳи нимквантӣ аз тарафи Н.Бор бо ёрии постулат ҳосил шудааст;

- ҳосил намудани шакли аналитикии энергияи бандиш (шакли мавҷудааш нимтаҷрибавӣ мебошад).

Ба натиҷаҳои навъи дуюм дохил мешаванд:

- пешниҳоди сохти дискретии майдони физикӣ;

- асоснок шудани мавҷудияти пардагирии гравитатсионӣ;

- табиат ва механизми ягона доштани таъсироти ядроӣ ва гравитатсионӣ;

- пешниҳод шудани формулаи риёзии пардагирии объектҳо;

- асоснок намудани мавҷудияти аналоги эфири классикӣ.

Гарчанде тадқиқотҳои Т. Раҷабов дорои аҳамияти калони илмианд, вале як натиҷа дастоварди асосии ӯ мебошад. Ин асоснок намудани мавҷудияти пардагирии гравитатсионист. Аз тарафи Т. Раҷабов аввалин бор ифодаи риёзии пардагирии физикӣ пешниҳод гардидааст, ки дар асоси он механизм ва табиати ягона доштани таъсироти гравитатсионӣ ва ҳаставӣ нишон дода шудааст. Ин ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам аҳамияти калони амалӣ дорад. Дар асоси мавҷудияти ҳодисаи пардагирии гравитатсионӣ дар мақолаҳои Т. Раҷабов якчанд ҳодисаҳои табиӣ возеҳ маънидод шуданд. Аз ҷумла, ноҷурӣ дар тағйироти шабонарӯзии қувваи вазнинӣ, пресессияи перигелии сайёраи Миррих ва ҳамсафарҳои сунъии Замин, кам ҳисоб шудани қимати масса ва зичии сайёраҳо бо зиёд шудани андозаи онҳо, хусусиятҳои ҳодисаҳои модду ҷазр.

Назарияи пешниҳодкардаи ӯ дар китоби «Рӯйхати умумиҷаҳонии назарияҳои алтернативӣ ва критикӣ» («The Worldwide List of Alternative Theories and Critics» сабт шудааст, ки ин бори аввал дар таърихи илми тоҷик мебошад. Т. Раҷабов аввалин ва ягона олими тоҷик мебошад, ки дар мавзӯъҳои бунёдии илми физика тадқиқот бурдааст ва дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ мақолаҳои ӯ дар ин самт ба чоп расидаанд.

Мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ ба натиҷаҳои илмии Т. Раҷабов таваҷҷуҳ зоҳир карда, ӯро барои иштирок ба конференсияҳои илмии байналмилалӣ даъват мекунанд. 17-18-уми ноябри соли 2022 ӯ дар конференсияи байналмилалии «2 nd International Conference on Biomaterials and Biomedical Engineering», ки дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, иштирок ва маърӯза намуд. Иштирокчиён андешаҳои Т. Раҷабовро хуб пазируфтанд. Олимон Улвия Бунятова аз Донишгоҳи шаҳри Анқара ва олим Канишк Раи аз Ҳиндустон ба натиҷаҳои илмии Т. Раҷабов баҳои баланд доданд. Диққати Бунятоваро нишондоди олими тоҷик доир ба табиати ягона доштани таъсироти гравитатсионӣ ва ҳаставии табиат ҷалб намудааст ва беҳуда нест, ки ин ду таъсирот бо як намуд бузургии физикӣ - масса тавсиф мешаванд.

Дар яке аз тақризҳои маҷаллаи «Physics Essays» қайд шудааст: «... қисми марказии тадқиқотро пешниҳоди вобастагии риёзӣ ташкил менамояд ва он имкон медиҳад, ки таъсири мутақобил ҳам дар микроолам ва ҳам дар макроолам бо як ифодаи риёзӣ тавсиф карда шавад». Ин натиҷаи хеле муҳим мебошад.

Олимони ватанӣ низ андешаҳои хешро перомуни натиҷаҳои илмии Т. Раҷабов изҳор намудаанд. Аз ҷумла, олимони факултети физикаи ДМТ, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи физикаи назариявӣ Қ. Комилов, мудири кафедраи физикаи ҳастаӣ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Б. Мақсудов, мудири кафедраи физикаи умумӣ, доктори илмҳои физикаю математика Д. Акдодов, мудири кафедраи астрофизика, н.и.ф. М. Сафаров, дар соҳаи химия докторони илми химия, профессорон М. Раҳимова ва М. Каримов мусбат арзёбӣ намуданд. Онҳо дар тақризи худ қайд намуданд, ки пардагирӣ дар назарияи химия мавқеи муҳим дорад ва ба назар гирифтани он барои тавсифи алоқаҳои химиявӣ имкониятҳои иловагиро муҳайё месозад. Оид ба таваҷҷуҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар Google бо ишораи «Toir Makhsudovich Radzhabov» маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Хулоса, тадқиқоти Т. Раҷабов самти нав дар таърихи инкишофи назарияи илми физика аст, аниқтараш, ин эҳёи физикаи классикӣ мебошад. Физикаи классикӣ, ин физикаи Г.Галилей, И.Нютон, М.Фарадей, Ҷ.Максвелл, А.Кулон ва дигар олимони барҷастаи гузашта буда, дар асоси тасаввуроти аёнӣ ва ҷавобгӯ ба принсипҳои сабабият бунёд шудааст. Мутаассифона, айни замон муҳаққиқон имкониятҳои физикаи классикиро нисбатан маҳдуд медонанд ва инро Т.Раҷабов дар тадқиқоташ нишон додааст.

Натиҷаҳои илмии Т.Раҷабов даъвои тағйироти куллиро дар тасаввуроти физикӣ дорад. Лекин дарк ва қабули нигоҳҳои нав ба осонӣ даст намедиҳад. Таърих гувоҳ аст, ки барои ақидаҳои нав баъзе аз табиатшиносон ҷазо ҳам гирифта буданд. Ҷордано Бруно ба оташ партофта шуда, Галилео Галилейро суд карда буданд. Ақидаҳои нав ба дастгирии моддиву маънавӣ эҳтиёҷ доранд. Дар айни замон барои эътирофи васеъ натиҷаҳои бадастомада бояд дар конфронсу симпозиумҳои илмӣ муаррифӣ шаванд, дар маҷаллаҳои бонуфуз ба чоп расанд. Ин бошад, маблағгузориро талаб мекунад. Дар айни ҳол Т.Раҷабов ба симпозиуми Global Meet on Biomedical Engineering and Systems, ки 1-13-уми декабри соли 2023 дар Лос-Анҷелеси ИМА барпо мегардад, барои иштирок даъват шудааст ва имкон вуҷуд дорад, ки илми тоҷикро дар масъалаҳои бунёдии илми физика дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд..

Дар фарҷом зикри ин нуктаро зарур мешуморем, ки олими заҳматпешаи тоҷик Тоир Раҷабов сазовори Ҷоизаи нобелӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии ӯ гувоҳи он аст, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлоламон пажӯҳишҳои сатҳи ҷаҳонӣ имконпазир мебошанд ва ин самараи дастгирӣ ва ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

**А. ШАРИПОВ, доктори илмҳои техникӣ, профессор,**
**Ҳ. М. МАҶИДОВ, доктори илмҳои техникӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.**
**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 415721 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Сохтани системаи қубурҳои обёрӣ дар ҳудуди ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.06.2023 14:57:00 |
| 2 | 415695 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории Маркази ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар ВМКБ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.06.2023 15:25:00 |
| 3 | 415678 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таҷҳизоти оргтехникӣ, қисмҳои эҳтиётии онҳо, ноқил, масолеҳ ва қайчии канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 14.06.2023 15:30:00 |
| 4 | 415696 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина»-и Мачитон | Рахти хоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.06.2023 16:10:17 |
| 5 | 415697 | Агентии обуҳавошиносӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 14.06.2023 16:55:12 |
| 6 | 415698 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Ниҳоли гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 14.06.2023 18:40:00 |
| 7 | 415703 | Муассисаи давлатии тандурустии «Таваллудхонаи вилоятӣ»-и вилояти Суғд | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 15.06.2023 08:26:00 |
| 8 | 415699 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, инвентари нарм ва молҳои масрафӣ барои компютеру принтер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 135 | 15.06.2023 08:30:00 |
| 9 | 415700 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Таҷҳизот, техникаи маишӣ ва ташкилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 15.06.2023 08:30:00 |
| 10 | 415701 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдорӣ ва истифодабарии иншоот»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ ва мулоим, пору, гулҳои мавсимӣ, таҷҳизот, обкашак (водовоз) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 15.06.2023 09:10:00 |
| 11 | 415705 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул | Корҳои таъмирию сохтмонӣ дар марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.06.2023 09:20:00 |
| 12 | 415708 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангӣ-фароғатии «Ҷавонон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Мошинҳои алафдарав, моноблок, насос ва таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 15.06.2023 09:55:00 |
| 13 | 415710 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 15.06.2023 10:30:00 |
| 14 | 415711 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.06.2023 10:30:00 |
| 15 | 415712 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи вилоятии клиникии бемориҳои сироятӣ» дар ноҳияи Данғара | Доруворӣ, малҳамбандӣ ва маводи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 116 | 15.06.2023 10:55:55 |
| 16 | 415704 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон | Таъмири бинои МТМУ №3-и шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.06.2023 11:00:00 |
| 17 | 415706 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон | Идомаи таъмири бинои шуъбаҳои Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ»-и шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.06.2023 11:00:00 |
| 18 | 415713 | Раёсати тандурусти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таъмири бинои раёсат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.06.2023 11:10:30 |
| 19 | 415715 | Литсейи давлатии №1-и шаҳри Бохтар | Таъмири намои бинои литсей | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.06.2023 12:05:55 |
| 20 | 415702 | Муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳри Конибодом | Таъмири боми муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.06.2023 13:30:00 |
| 21 | 415717 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдошти боғу гулгашт, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, кабели барқӣ ва алафдаравак (газонакосилка) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 15.06.2023 13:30:28 |
| 22 | 415720 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №140»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 15.06.2023 14:55:07 |
| 23 | 415716 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 66 | 15.06.2023 15:35:35 |
| 24 | 415707 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 15.06.2023 17:00:22 |
| 25 | 415709 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Сангвор» | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.06.2023 17:37:32 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**14-уми июни соли 2023 музоядаи № 1-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металлҳои сиёҳ, чӯян ва ранга баргузор менамояд**

| № т/р | Номи корхона ва ташкилот | Мавқеи ҷойгиршавии корхона | Миқдори пораву партовҳои металлҳои сиёҳ, чӯян ва ранга дар 1 лот бо тонна | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муассисаи давлатии Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,457 | 457 |
| 2 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 1,772 | 1772 |
| 3 | Муассисаи давлатии Маҷмааи «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,16 | 160 |
| 4 | Муассисаи давлатии меҳмонхонаи «Авесто»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,810 | 810 |
| 5 | Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» | ш. Душанбе | 1,013 | 1013 |
| 6 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,622 | 622 |
| 7 | Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,190 | 190 |
| 8 | Раёсати молияи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | ш. Душанбе | 0,263 | 263 |
| 9 | Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,104 | 104 |
| 10 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии урологӣ» | ш. Душанбе | 0,159 | 159 |
| 11 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ» | ш. Душанбе | 0,246 | 246 |
| 12 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ» | ш. Хоруғ | 0,8 | 800 |
| 13 | Корхонаи воҳиди давлатии хизматрасонии корпуси дипломатӣ «Дипсервис» | ш. Душанбе | 0,045 | 45 |
| 14 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ дар шаҳри Душанбе» | ш. Душанбе | 1,7 | 1700 |
| 15 | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,720 | 720 |
| 16 | Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» | ш. Душанбе | 0,21 | 210 |
| 17 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе» | ш. Душанбе | 0,755 | 755 |
| 18 | Нозироти андоз дар ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе | ш. Душанбе | 0,070 | 70 |
| 19 | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,217 | 217 |
| 20 | КВД «Маркази сертификатсиякунонии кор ва хизматрасонии соҳаи нақлиёт» | ш. Душанбе | 0,250 | 250 |
| 21 | КВД «Тоҷикаэронавигатсия» | ш. Душанбе | 1,184 | 1184 |
| 22 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе | 0,353 | 353 |
| 23 | Муассисаи давлатии «Рӯзномаи нақлиёт» | ш. Душанбе | 0,7 | 700 |
| 24 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Ваҳдат | ш. Ваҳдат | 1,410 | 1410 |
| 25 | Корхонаи воҳиди давлатии занбӯрпарварии «Асали Тоҷикистон» | ш. Ваҳдат | 0,700 | 700 |
| 26 | Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд | 0,403 | 403 |
| 27 | Маркази ташхиси бехатарии озуқаворӣ дар вилояти Суғд | ш. Хуҷанд | 0,211 | 211 |
| 28 | Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Хуҷанд | ш. Хуҷанд | 0,152 | 152 |
| 29 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | н. Данғара | 0,424 | 424 |
| 30 | Корхонаи таъминоти об ва канализатсияи шаҳри Хоруғ | ш. Хоруғ | 1,666 | 1666 |
| 31 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи давлатии Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (чӯян) | ш. Душанбе | 0,102 | 82 |
| 32 | Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» (чӯян) | ш. Душанбе | 0,050 | 40 |
| 33 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии саноати нассоҷии шаҳри Душанбе» (чӯян) | ш. Душанбе | 0,86 | 688 |
| 34 | КВД «Тоҷикаэронавигатсия» (чӯян) | ш. Душанбе | 0,001 | 0,80 |
| 35 | Муассисаи давлатии «Рӯзномаи нақлиёт» (чӯян) | ш. Душанбе | 0,3 | 240 |
| 36 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Ваҳдат (чӯян) | ш. Ваҳдат | 0,270 | 216 |
| 37 | Корхонаи таъминоти об ва канализатсияи шаҳри Хоруғ (чӯян) | ш. Хоруғ | 0,043 | 35 |
| 38 | Муассисаи давлатии Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ранга) | ш. Душанбе | 0,010 | 130 |
| 39 | Муассисаи давлатии Маҷмааи «Кохи Борбад»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ранга) | ш. Душанбе | 0,0053 | 69 |
| 40 | Корхонаи воҳиди давлатии хизматрасонии корпуси дипломатӣ «Дипсервис» (ранга) | ш. Душанбе | 0,001 | 13 |
| 41 | Раёсати молияи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (ранга) | ш. Душанбе | 0,001 | 13 |
| 42 | Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» (ранга) | ш. Душанбе | 0,020 | 260 |
| 43 | КВД «Тоҷикаэронавигатсия» (ранга) | ш. Душанбе | 0,465 | 6045 |
| 44 | Корхонаи воҳиди давлатии занбӯрпарварии «Асали Тоҷикистон» (ранга) | ш. Ваҳдат | 0,020 | 260 |
| 45 | Корхонаи таъминоти об ва канализатсияи шаҳри Хоруғ (ранга) | ш. Хоруғ | 0,061 | 793 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10 $^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**14-уми июни соли 2023 музоядаи № 2-ро оид ба фурӯши пораву партовҳои металлҳои сиёҳ, чӯян ва ранга баргузор менамояд**

| № т/р | Номи корхона ва ташкилот | Мавқеи ҷойгиршавии корхона | Миқдори пораву партовҳои металҳои сиёҳ, чуян ва ранга дар 1 лот бо тонна | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | ш. Душанбе | 0,067 | 67 |
| 2 | Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | ш. Гулистон | 0,095 | 95 |
| 3 | Ҷамъияти муштараки Тоҷикистону Канадагии дорои масъулияти маҳдуди «Апреловка» | ш. Гулистон | 7,4 | 7400 |
| 4 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Данғара | ш. Данғара | 9,14 | 9140 |
| 5 | Ҷамъияти муштараки Тоҷикистону Канадагии дорои масъулияти маҳдуди «Апреловка» (чӯян) | ш. Гулистон | 0,050 | 40 |
| 6 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» (ранга) | ш. Душанбе | 0,015 | 195 |
| 7 | Ҷамъияти муштараки Тоҷикистону Канадагии дорои масъулияти маҳдуди «Апреловка» (ранга) | ш. Гулистон | 0,002 | 26 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10 $^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ «РОССИЙСКО - ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ»

**объявляет конкурс на замещение вакантных должностей профессорско-преподавательского состава:**

**КАФЕДРА УГОЛОВНОГО ПРАВА**
Заведующий кафедрой - 1 место

Требование к замещению должности заведующего кафедрой - наличие ученой степени и звания

**Срок подачи документов на конкурс –** 1 месяц со дня опубликования объявления.

**Документы принимаются по адресу:** г. Душанбе, ул. Мирзо Турсун-заде - 30, РТСУ, Учебно-методическое управление (каб. 108).

**Справки по телефону –** 446000719.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ бо рақами кадастрии 03-007-000598-01, рақами инвентарии 827-и гумшуда, ки онро КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор 15-уми декабри соли 2020 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Ҳисор, кӯчаи Айнӣ 5 ба Рӯзиева Зарина додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ №332867-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и ноҳияи Қубодиён соли 1974 ба Шодмонова Азизахон додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Парвизи Мурод» эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0013350-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2005 ба Мирзоев Хайрулло Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ҶТ №0088456 тахти қайди 9848-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии хизмати шаҳри Хуҷанд, соли 2016 ба Қодирова Макнунахон Ҳакимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, бинои 19/1, ҳуҷраи 4 ба Холова Дильбарнисо Иноятовна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А№0066580-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Сомон ба Каримова Зебогул Абдураҳимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории тахти қайди 7426-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 19-уми июли соли 1992 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Октябр (ҳоло ноҳияи Исмоили Сомонӣ ), кӯчаи Ш. Руставели, бинои 34, ҳуҷраҳои 8-9 ба Дустова Раҳима Азизбойевна додааст, эътибор надорад.

✓ Иттилоот аз варақаи бақайдгирии №219-и гумшуда оид ба қабули мерос аз Раҳмонова Ҳабиба, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайрманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 29-уми декабри соли 2016 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин ба Шарипова Барно Ибрагимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б №0421472-и гумшуда, ки онро Мақомоти давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Норак, Ҷамоати деҳоти Пули сангин, деҳаи Кибил ба Азимов Зайнулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ронандагии дараҷаи «В», ҳамчунин Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 03083416-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Ховалинг 23-юми январи соли 2020 ба Ятимов Бегиҷон Зафархонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2018 ба Зайналов Сорбон Раҷабалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТА № 0178540-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2007 ба Сайдалиев Самараддин Шарофович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №0243646-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №32-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло МТМУ №119-и ноҳияи Фирдавсӣ) соли 2016 ба Мирзоев Убайдулло Шавкатович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №166-и гумшуда, ки онро КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 6-уми июни соли 2019 бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Меҳробод ба Тоҷидинова Шарофат Ҳомидовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо силсилаи Р 02652505-и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 6-уми ноябри соли 2020 ба Абдул Манон Ғизола додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ГАЗ ЭКО» (РЯМ 0310010095), ки 5-уми июли соли 2011 дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Саодати Ватан» дар ноҳияи Рӯдакӣ (РМА 120044286, РЯМ 1210013805) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул кард мешавад.

Садои мардум
Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис:
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 26 майи соли 2023, соати 14:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35705 нусха*

Навбатдорони шумора
Ӯ. Назар
ва Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97